# ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-055
# ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №6

Хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 12.09.2020 сол, суратҷаласаи №20 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Солиев Беҳрузҷон Назарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ» аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор санаи 30.04.2020, қарори № 13 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055, дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июли соли 2019 таҳти № 166 ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Унвонҷӯ Солиев Беҳрузҷон Назарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 сентябри соли 1989 дар ноҳияи Ҳисор таваллуд шудааст. Соли 2007 ба Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон, факултети ҳисобдорӣ ва омор, аз рӯи ихтисоси бизнес-омор дохил шуда, соли 2012 бо дипломи аъло онро хатм намудааст. Аз соли 2012 ба ҳайси ассистенти кафедраи суғурта ва баъдан ассистенти омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2013-2017 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил кардааст.

Диссертатсия дар кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Калемуллоев Мунир Воҳидович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,

**Миразизов Абдулло Ҳабибович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи молия ва қарзи факултаи иқтисодии Донишгоҳи (славянии) Русия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ба шумор рафта, тақризи мусбӣ аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримов

Б.Ҳ., навишта шудааст, ки дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, санаи 29 августи соли 2020, суратҷаласаи №1 баррасӣ гардида, аз ҷониби раисикунандаи ҷаласа н.и.и., дотсент Исмоилов А.А. имзо гардида, аз тарафи ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 02 сентябри соли 2020 тасдиқ гардидааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ» кори илмию таҳқиқотии мукаммал буда, он ба мавзӯи мубрами рӯз бахшида шудааст ва ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пурра мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршуда пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Рӯйхати корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Солиев Б.Н. Нақши қарзи бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ.//Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ.–Душанбе: 2019. №3 (қ. 2). – С. 112 – 119. (0,5 ҷ.ч.).

[2-М]. Б.Н.Солиев. Статистическое исследование воздействия условий банковского кредитования на развитие национальной экономики. // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе 2019. –№8 (115). –С.121-127. (0,4 п.л.).

[3-М]. Солиев Б.Н. Модели иқтисодӣ-омории таҳлили омилии таъмини иқтисодиёт бо қарзҳои бонкӣ. //Маҷаллаи илмию-назариявӣ ва истеҳсолии «Кишоварз». – Душанбе 2020. –№1. –С.21-27. (0,4 п.л.).

**Б) Дар дигар нашрияҳо:**

[4-М]. Солиев Б.Н. Қобилияти харидории пул./ Солиев Н.Н., Солиев Б.Н./Маҷаллаи иттилооти бонкии "Бонкдорӣ дар Тоҷикистон" . Душанбе №2 (55), феврали 2014.–С 47 – 50. (0,25 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч).

[5-М]. Солиев Б.Н. Табиати иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ./ Маҷмӯаи мақолаҳои конфронси илмӣ–назариявии устодон ва донишҷӯёни Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 20-солагии таҷлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 25–26 апрели 2014. Душанбе–2014. – С. 267 -272. (0,37 ҷ.ч).

[6-М]. Солиев Б.Н.Таҳлили сохторӣ–динамикаи нишондиҳандаҳои сандуқи қарзии низоми бонкӣ./ Солиев Б.Н., Холов Р.Ш./Маводҳои конфронси илмӣ– амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами ҳисобдорӣ, таҳлил, аудит ва омор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе 23-юми декабри соли 2017.–С.181– 184. (0,25 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

[7-М]. Солиев Б.Н. Иттилооти оморӣ ҳамчун қисми таркибии системаи иттилооти глобалӣ./ Солиев Б.Н. Холов Р.Ш. Изатуллоев М.Н./Маводҳои конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ". Душанбе, 25-уми ноябри соли 2017.-С.18-21(0,25ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,10 ҷ.ҷ.).

[8-М]. Солиев Б.Н. Таҷрибаи бонкҳои марказии ҷаҳон доир ба таҳлили индексҳои шартҳои дастрасии қарзҳои бонкӣ (ШДҚБ)./ Солиев Б.Н. Солиев Н.Н. Ҷумаев И.Қ./ Маводҳои конфронси илмӣ–амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Ташаккули модели инвеститсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе, 14-уми декабри соли 2018.–(0,25 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,10 ҷ.ч.).

[9-М]. Солиев Б.Н. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва қарзи бонкӣ./ Солиев Б.Н. Қодиров Ҷ./ Маводҳои конфронси илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами омори соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои методӣ ва методологӣ". Душанбе, 31-уми марти соли 2018. С. 55 – 58 (0,25 ҷ.ч) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ҷ.).

**Ба унвони автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Ғоибназаров Б.К.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори пажуҳишгоҳи такмили ихтисоси кадрҳо ва таҳқиқотҳои омории кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон, бо чунин эродҳо:

1) Вазифаи аввали кори диссертатсионӣ ин асосноккунонии назарявӣ ва методологии таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёт мебошад, гарчанде, ки дар банди якуми навгониҳои илмӣ сухан дар бораи дигар вазифа меравад;

2) Автореферат бурд менамуд агарчи мазмуни асосии корро на аз рӯи бобҳо, балки тибқи бандҳои навгониҳои илмӣ дарҷ гардонида мешуд.

2. **Мамадалиев Ф.С.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шӯъбаи методология ва таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқии пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1) Натиҷаи моделсозии дар баробарии регрессионӣ, ки таъсири нишондиҳандаҳоро ба андозаи қарзҳои додашудаи бонкҳо тавсиф мекунад, баҳснок ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, муаллифро зарур аст, ки ҳолати ҷойдоштаро боз ҳам бо аргументҳои мушаххас маънидод намояд.

2) асосноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст;

3) дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

3. **Одинаев Б.Ҷ.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент сардори раёсати таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1) Агар таҳлили маълумотҳо вобаста ба ҷадвали 1.”Сатҳ ва динамикаи коэффитсиентҳои таъмини иқтисодиёт бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2018”, аз ҷониби диссертант бо нишондиҳии он дар диаграмма пешниҳод мешуд, мазмуни ҷадвали мазкур аз рӯи мазмун ва амал пурра мегашт;

2) Таҳлили ҷадвалҳои рисолаи диссертатсионӣ аз ҷиҳати марҳилаҳо гуногунанд. Диссертант ба ин камбудӣ бояд диққати ҷиддӣ диҳад;

3) Дар рисолаи диссертатсионии мазкур инчунин камбудиҳои орфографӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки онҳоро бояд бартараф намуд.

4. **Зарипов Э.Ш.** – номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1) Агар таҳлили маълумотҳо вобаста ба ҷадвали 1.”Системаи нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкӣ, ки диссертант баду қисм ҷудо намудааст, амалӣ мегашт, пайдарпайи таҳқиқот илман асоснок ба назар мерасад;

2) Дар саҳифаи 15 диаграммаи 3 сатҳи паст гаштани таносуби андозаи қарзҳои додашуда ва ҳаҷми ҷалби пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар солҳои 2010-2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, хуб мешуд агар муаллиф сабабҳои паст гаштани нишондиҳандаҳои мазкурро мушаххас пешниҳод менамуд.

5. **Бобоазиззода Ш.А.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, бо чунин эродҳо:

1) Ҳамчун эрод ҳаминро қайд метавон кард, ки дар автореферат таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ дар муқоиса бо дигар давлатҳои ҳамсоя пешниҳод карда мешуд, самараноктар буд;

2) Дар саҳифаи 13 ҷадвали 2 муаллиф динамикаи қарзҳои додашудаи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт пешниҳод намудааст, ки пурра таҳлил карда нашудааст. Хуб мешуд, пуратар таҳлил карда шавад.

3) Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад, ки барои бартараф намудани онҳо таҳрири дақиқ тавсия дода мешавад.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда шудааст, ки Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат дар самти таҳқиқоти илмии дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯ қайд менамояд, ки:**

- дар асоси таҳлилҳои назариявӣ шарҳи муаллифии илман асосноккардашудаи мафҳуми "шарти қарзи бонкӣ" пешниҳод гардида, муқаррар карда шудааст, ки сатҳи таъсиррасонии тағйирёбии нишондиҳандаҳои шартҳои қарзи бонкӣ муносибан ба тағйирёбии рушди иқдисодиёт мусоидат менамояд;
- системаи нишондиҳандаҳои шартҳои дастрасии қарзи бонкӣ, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст, ба заминаҳои қатъии назариявӣ ва методологӣ асоснок кунонида шуда, талаботи асосиро аз рӯйи низоми идоракунии уфуқӣ (ташкилотҳои бонкӣ ё ташкилотҳои ғайрибонкии молиявӣ) ва амудӣ (Бонки миллии Тоҷикистон ё шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон) қонеъ гардонида, сарҳадҳои истифодабарии худро дорад;
- ошкор карда шудааст, ки барои арзёбӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи шартҳои дастрасӣ ба қарзи бонкӣ тавассути ҳисоботи оморӣ нокифоя аст. Ба ҳамин сабаб, аз нуқтаи назари муаллиф, барои арзёбӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои шарти дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ истифодаи усулҳои мушоҳидаи оморӣ, аз ҷумла назарсанҷӣ (пурсиш) ба мақсад мувофиқ мебошад;
- мувофиқи он ки талаб ва хоҳиши мизоҷ ба қарзи бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ қонеъ гардонида шавад, тавассути усулҳои махсуси оморӣ (усули коэффитсиентӣ) таъсиррасонии андозаи тағйирёбии ҳиссаи коэффитсиентҳои фардии сатҳи таъмини иқтисодиёт бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ба коэффитсиенти умумии таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ андозагирӣ карда шудааст;
- вобаста аз ҳолати имрӯзаи қарздиҳии ташкилотҳои бонкии кишвар, муаллифи диссертатсия модели иқтисодӣ-омории таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкиро таҳия намудааст. Тибқи модели мазкур, ҳиссаҳои таъсиррасонии се омили асосӣ: сатҳи сифати сандуқи қарзӣ, дараҷаи мукаммалгардонидани пойгоҳи (базаи) захираҳои бонкӣ ва сатҳи майлшавии субъектҳои хоҷагӣ ба пасандозҳо (амонатҳо) ба сатҳ ва динамикаи таъмини иқтисодиёт бо қарзҳои бонкӣ арзёбӣ ва мавриди таҳлил қарор дода шудааст;
- тавассути истифодаи усули гурӯҳбандии аналитикӣ ва таҳлили

корреляитсионӣ ва регрессионӣ ошкор ва муқаррар карда шудаст, ки дар ҳолати сабукгардии шартҳои қарзи бонкӣ суръатафзоӣ ва дар мавриди вазнингардӣ коҳишёбии рушди иқтисодӣ ба вуқӯъ меояд;

➢ дар асоси омӯзиши таҷрибаи бонкҳои марказии ҷаҳон, муаллиф ба хулоса омадааст, ки барои таҳлили ҳамаҷонибаи шарти қарзи бонкӣ истифодаи индексҳои "NetPercen–tage" ва "diffusion index" дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Агарчи индексҳои мазкур, ки дар асоси маълумоти ҷамъбастии натиҷаи назарсанҷии ташкилотҳои бонкӣ ҳисоб карда мешаванд, онҳо доир ба вазъи вазнин ё сабукгардии шартҳои дастрасии аҳолӣ, соҳибкорон ва дигар субъектҳои иқтисодиёт ба қарзҳои бонкӣ шаҳодат медиҳад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулоса ва тавсияҳои дар он дарҷгардида ба васеътар шудани донишҳои назариявии омори бонкӣ мусоидат намуда, як қатор пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, метавонанд татбиқи амалии худро дар гузаронидани мониторинги шартҳои қарзи ташкилотҳои бонкӣ бо дарназардошти рушди иқтисодиёти миллӣ пайдо кунанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- **Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия метавонанд аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани тағйирёбии шартҳои қарзи бонкӣ, қабули қарорҳо ҷиҳати танзим намудани раванди қарздиҳии ташкилотҳои бонкӣ, инчунин, дар мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои "Омори пулӣ ва қарзӣ", "Омори бонкӣ", "Омори иҷтимоӣ–иқтисодӣ" ва "Омори молияи давлатӣ" истифода бурда шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

➢ асосноккунонии назариявӣ ва методологии таъсиррасонии шарти қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёт;

➢ таҳияи системаи нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкӣ;

➢ ошкор намудани услуби ҷамъоварии маълумот тавассути таҳқиқоти махсуси оморӣ барои таҳияи системаи нишондиҳандаҳо ва усулҳои таҳлили шартҳои қарзи бонкӣ;

➢ арзёбии динамикаи таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ, бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ тавассути истифодаи услубҳои махсуси оморӣ;

➢ таҳияи модели иқтисодӣ–омории таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ бо дарназардошти омилҳои таъсиррасон;

➢ пешниҳоди роҳу усулҳои такмили таҳлили омории шартҳои қарзи бонкӣ, аз ҷумла истифодаи индексҳои "NetPercen–tage" ва " diffusion index " дар муайян намудани ҳолати шартҳои қарзи бонкӣ;

➢ арзёбӣ кардани робитаҳои зичии байни нишондиҳандаҳои ҳолати сифати сандуқи қарзӣ, мукаммалгардонии пойгоҳи захираҳои бонкӣ ва майлнокии боварӣ ба низоми бонкӣ тавассути коэффитсиенти конкордатсия (коэффитсиенти корреляитсияи рангаи маҷмӯӣ).

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

-саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани ҳадаф ва далелноккунонии вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат буда, ҷамъбасткунӣ ва гурӯҳбандӣ, мураттабсозӣ ва муайян намудани роҳҳои назариявӣ ва амалии таҳлили нишондиҳандаҳои шартҳои қарзи бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи стратегияи молиявӣ истифода бурда мешаванд.

- натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳимми кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин, дар конфронсҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доиргашта ироа гардидаанд. Нуқтаҳои муҳимми кори диссертатсионӣ дар якчанд конфронсҳои назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза карда шудаанд. Бештари мақолаҳои муаллиф солҳои 2014–2019 дар маводи конфронсҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чоп шудаанд.

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудаанд (санади татбиқ аз ҷониби Шӯъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳраки Ғарм аз 10 феврали соли 2020, № 02; Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 13 марти 2020, № 04);

- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар самти омӯзиши таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ;

- Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақола чоп гардидааст, ки ин 3,2 ҷузъи чопӣ (2,8 ҷузъи чопӣ аз тарафи муаллиф) буда, аз инҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои

2014-2019 баргузор гардиданд, аз ҷониби муаллиф маърӯза карда шуданд.

Дар ҷаласа аз санаи 12.09.2020 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 қарор қабул кард, ки ба Солиев Беҳрузҷон Назарович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12- ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор дода шавад.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ аз “15” нафар аъзои умумии шӯро “13” нафар, аз он ҷумла “5” нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз “13” нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: тарафдор “13” нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор-нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **С.Ф. Низомов**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **С.С. Мирзоев**

**12.09.2020**